**Тақризи муқаррризи расмӣ**

ба диссертатсияи номзадии Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Масъалаи таҳқиқи осори адабиётшиносӣ, равандҳои он ва мероси илмию адабии донишмандони соҳибмактаб тадриҷан ба яке аз самтҳои муҳим ва мубрами улуми ҷомеашиносӣ табдил меёбад, ки ин аз ниёзҳои имрӯзии илми филологияи тоҷик сарчашма мегирад. Масъалаи бознигарии мероси илмии адабиётшиносони маъруфи садаи XX ва замони муосир ба назари мо бо масъалаи таҷдиди назар намудани консепсияҳои маъруфи адабиётшиносӣ, ки дар таҳқиқи осори адабии классикию муосири тоҷик роиҷ буд, алоқаманд мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳаққиқони таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик дар замони муосир он аст, ки андешаҳои илмӣ ва назарияҳои маъруфи таҳқиқи адабиётро, ки дар замонаш зери фишори мафкураи иҷтимоъгаро ба миён омада буданд, таҷдиди назар намуда, равандҳои ояндаи улуми адабиро ба таври илмӣ ва воқеӣ муайян созанд. Дар ин раванд як силсила таҳқиқотҳои муҳимме, ки дар робита ба равандҳои илми адабиётшиносӣ ва нақди адабии аҳди Шӯравӣ ва замони муосир ба миён омаданд, шоистаи тақдир мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Меҳрангез Набиева ҳам дар ин масир иқдоми муҳим ва шоиста аст. Чунки устод Муҳаммадҷон Шакурӣ аз ҷумлаи муҳаққиқони соҳибмактаби адабиёти муосири тоҷик ва аз мунаққидони таъсиргузор ба равандҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ маҳсуб мешаванд. Эшон аз оғози фаъолияти илмию адабии худ ба равандҳои адабиёт, мавзӯъ ва проблемаҳои доғи он назари хос дошта, дар нақду баррасии аҳволу осори адибони бузургсолу ҷавон аз меъёрҳои воқеии илмӣ кор мегирифтанд. Илова бар ин, устод М. Шакурӣ пайваста навиштаҳои қаблиашонро ҳангоми нашрҳои ҷадид таҷдиди назар менамуданд. Ҳатто баъдан аз андешаҳои пешинаи худ ба иллати идомаи пажӯҳишҳои амиқтари илмӣ даст мекашиданд. Устод ин шеваи кори худро дар сарсухани китоби «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» ба таври зайл ёдрас мешаванд: «Беш аз панҷоҳ сол аст, ки камина дар бораи адабиёти шӯравии тоҷик чизе мегӯям ва коғаз сиёҳ мекунам. Имрӯз бисёре аз андешаҳои пештараи худро ботил мешуморам, бо қатъият аз онҳо даст мекашам. Баъзеи ин андешаҳо аз пиндорҳои расмии замони шӯравӣ ва бархе аз норасоии фаҳмиши худам сар зада буданд.

Албатта, набояд гумон кард, ки ҳар чӣ то нимаи солҳои ҳаштод навишта будам нодуруст буд.... Бо вуҷуди ин имрӯз ақидаҳои давраи пеш аз истиқлолро аз нав санҷидан лозим аст».

Бояд гуфт, ки устод М. Шакурӣ қисман таълифоти қаблиашонро таҷдиди назар намуданд ва далели ин нашри ҷадиди китобҳои «Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ», «Равшангари бузург» ва «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» мебошад. Ин иқдоми устод М. Шакурӣ аз дарки равандҳои дигаргуншавии таърих дар охири қарни XX ва ибтидои қарни XXI сарчашма мегирад. Дар идомаи иқтибоси боло устод менависанд: «Ҳудуди садаи бист ва бисту як ҳудуди ду давраи бузурги таърихист. Фақат сада дигар нашуд, замон дигар шуд, таърих аз бех дигар шудан дорад. Ва иншоллоҳ ба коми тоҷикон хоҳад шуд».

Назари фарох ва асолати фитрӣ ба устод М. Шакурӣ имкон додааст, ки ҳатто ба ҳусну қубҳи фаъолиятҳои пажӯҳиши худ, ба хотири рушди бештари илму адаби миллӣ иқрор шаванд: «Мо дар баъзе равандҳои он замон ширкат доштем ва гоҳ барои пешбурди онҳо мусоидат кардани будем. Гумон мекардем, ки маънии рӯйдодҳои атрофро ба хубӣ донистаем, лекин аз эҳтимол дур нест, ки маънои таҳтонии он рӯйдодҳоро пай набурдаем ва ҳанӯз пай набурдаем. Шояд пайбурди амиқ ба насли нав даст хоҳад дод.... Умед аст, ки ҳақиқати ҳол бо ҷусторҳои илмии пажӯҳишгарон, ба вожаи наврасони навбин, равшан хоҳад шуд».

Устод М.Шакурӣ аз адабиётшиносони тоҷик нафари аввал буданд, ки дар марҳилаи тағйиротҳои таърихӣ масъалаи аз нигоҳи нав баррасӣ намудани адабиёти тоҷикии садаи бистро ба миён гузоштанд. Ин ормони илмӣ ва пажӯҳиши устод М. Шакурӣ дар таълифоти дар давраи истиқлол ба нашр расонидаи устодон Х. Шариф, А. Сатторзода, Х. Асозода, А. Абдулманонов, А. Маҳмадаминов, А. Набавӣ, М. Имомзода, М. Раҷабӣ, М. Абдуллоҳ, М. Мирзоюнус ва дигарон то андозае амалӣ гардид. Аммо бо вуҷуди ин, имрӯз ҳам мо барои ба вуҷуд овардани таърихи воқеии адабиёти тоҷикии садаи XX маводи кофии илмӣ ва пажӯҳишӣ дар даст надорем. Ин нукта ҳам ба муҳиммият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсияи мавриди муҳокима ишора менамояд. Таҳқиқи фарогир ва монографии аҳволу осори илмии устод М. Шакурӣ барин донишманди таъсиргузор ба равандҳои нақду адабиётшиносии муосир имкон медиҳад, ки мо ба бисёре аз қазияҳои печидаи равандҳои адабиёт ва эҷодиёти адибони саршиноси аҳди шӯравӣ назари худро тағйир дода, ин падидаҳои адабиро чуноне ки ҳаст дарку маърифат намоем.

Чунон ки ишора шуд, фаъолияти илмӣ ва пажӯҳишии устод М. Шакурӣ хеле фарох ва пурдомана мебошад. Назари таҳқиқии эшон дар солҳои охири умрашон фаротар аз шохаҳои илми филологӣ рафта буд, ки далели ин таълифоти арзишманди устод дар заминаҳои худогоҳию худшиносии миллӣ, таҳрифҳои таърих, рисолати маънавиятгароӣ ва давлатсозии тоҷикон мебошад.

Муаллифи диссертатсияи мазкур ба хотири мушаххас гардидани аҳдофи таҳқиқ масъалаи таърихи адабиёти тоҷикро дар пажӯҳишҳои устод М. Шакурӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ин иқдоми муаллифи диссертатсияро метавон ҳамчун як навъ арҷгузорӣ ба заҳматҳои бедареғи устод М. Шакурӣ дар офаридани таърихи воқеии адабиёти муосири тоҷик ҳисобид.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалии он ба таври мушаххас асоснок карда шудааст. Дар боби якум, ки «Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ – парвардаи адабиёту фарҳанги тоҷик» унвон дорад, зиндагинома ва фаъолиятҳои илмии муҳаққиқ ба таври куллӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Зимни баррасии зиндагиномаи устод М. Шакурӣ муаллиф дар дақиқ намудани санаҳои асосии ҳаёту фаъолияти устод ба матни «Зиндагиномаи худнавишт»-и эшон такя менамояд ва ҷузъиётҳои асосии рӯзгори олимро асосан дуруст шарҳу тафсир менамояд. Зимни баррасии зиндагиномаи пурбори устод М. Шакурӣ муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки зиндагинома, сарнавишти инсонӣ, фаъолияту эҷод ва пажӯҳиши илмии Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ӯро ҳамчун олими пурмаҳсул ва соҳибмактаб, муҳаққиқи фидокор барои таърих ҳифз мекунад.

Дар фасли дуюми ҳамин боби диссертатсия Меҳрангез Набиева зинаҳои асосии фаъолияти илмию пажӯҳишии устод М. Шакуриро ба таҳқиқ мегирад. Таъкид мешавад, ки эшон дар тӯли умри пурбаракати худ беш аз 50 китоб ва 600 мақолаи арзишманди илмӣ таълиф намудаанд, ки дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносиву забоншиносӣ, фарҳангу таърих, маънавият ва монанди инҳо мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Дар таъсифоти мазкур ба таври мушаххас масъалаҳои анъана ва навоварӣ, халқияти адабиёт, эҷодиёти адибони ҷудогона, ҷараёнҳо ва равандҳои жанрӣ ва сабкии насри муосири тоҷикӣ, робитаҳои адабӣ ва ғайра ба таҳқиқ омадаанд. Масъалаи таҳқиқи проблемаҳои таърихи адабиёт, омӯзиши масоили марбути аҳволу осори намояндагони алоҳидаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар фасли якуми боби дуюми диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар мавриди навиштаҳои устод М. Шакурӣ оид

ба эҷодиёти Рӯдакӣ ва Низомӣ андеша ронда, таъкид менамояд, ки муҳаққиқ мавзӯъҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии гузаштаро дар адабиёти классикии форсу тоҷик таҳқиқ намуда, инъикоси онҳоро дар ашъори Рӯдакӣ пайгирӣ намудааст.

Дар ин фасли диссертатсия мақолаҳои «Рӯдакӣ ва халқ», «Ғояи ватандӯстӣ дар шеърҳои устод Рӯдакӣ» муфассал баррасӣ мешавад. Вай таъкид мекунад, ки дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол дар мисоли ашъори Рӯдакӣ дар ҷавонон парваридани ғояҳои ватанхоҳӣ ва ифтихори миллӣ аз ҳадафҳои бунёдии муҳаққиқ ба ҳисоб меравонд. Устод М. Шакурӣ афзудааст, ки ваҳдату ягонагӣ, ҳимояи марзу бум, ҳувияти миллии халқи тоҷик дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ мавқеи барҷаста дорад.

Масъалаи таъсири анъана ва суннатҳои адабии гузашта ба адабиёти муосири тоҷикӣ дар фасли дуюми ҳамин боби диссертатсия баррасӣ мешавад. М. Набиева таъкид мекунад, ки аз шоирони асрҳои X – XV беш аз ҳама таваҷҷуҳи устод М. Шакуриро ашъори Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба худ ҷалб кардааст. Устод соли 1965 бо таълифи мақолаи «Ҷомӣ ва адабиёти советии тоҷик» таваҷҷуҳи аҳли назарро ба иртиботи эҷодии устод С. Айнӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ ҷалб намуда буданд. Гузашта аз ин, дар диссертатсия таъкид мешавад, ки суннатҳои адабиёти классикӣ дар мисоли таъсирпазирии устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. Ҳамдӣ, П. Сулаймонӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, М. Раҳимӣ ва дигарон аз ашъори Мавлоно Ҷомӣ дар адабиёти советии тоҷик дубора эҳё гардид. Дар мақолоти марбути эҷодиёти Ҷомӣ ба таълиф расонидаи устод М. Шакурӣ масъалаи назирасароӣ ба шеъри Ҷомӣ, истифодаи образҳои шоирона ва сабку баёни Ҷомӣ дар шеъри муосири тоҷикӣ муфассал баррасӣ мешавад. М. Набиева дар ин росто таъкид менамояд, ки устод М. Шакурӣ зимни баррасии қиёсии достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ»-и М. Миршакар ва «Хираднномаи Искандарӣ»-и Мавлоно Ҷомӣ масъалаи таъсирпазирии шоирони муосири тоҷикро аз осори Ҷомӣ мушаххас баён месозад.

Дар фаслҳои сеюм ва чаҳоруми боби дуюми диссертатсия М. Набиева моро бо муҳимтарин таҳқиқотҳои перомуни насру назми муосири тоҷикӣ анҷомдодаи устод М. Шакурӣ ошно намуда, моҳияти илмӣ ва адабиётшиносии консепсияҳои таҳқиқии эшонро бозгӯ менамояд. Устод М. Шакурӣ тибқи ишораи муаллифи диссертатсия дар таҳқиқотҳои бунёдии худ насри муосирро аз нигоҳи инкишофи жанрҳои адабӣ ва анвои насри вуқӯъгаро ба таҳқиқ гирифта, масири инкишофи ҳикоя, очерк, повест, роман ва публитсистикаи адабиро ба таври илмӣ нишон додаанд. Натоиҷи ин шеваи таҳқиқи устод М. Шакурӣ асарҳои

бунёдии «Таърихи адабиёти советии тоҷик», «Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ», «Насри солҳои 30» ва ғайра мебошад.

Тибқи ишораи муаллифи диссертатсия устод М. Шакурӣ дар заминаи ашъори С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, М. Миршакар ва дигарон як силсила мақолаҳо ва таҳқиқотҳои арзишмандеро ба анҷом расонидаанд, ки онҳо то имрӯз дар таҳқиқи аҳволу ашъори шоирони номбурда ба ҳайси пуштбонони илмӣ хизмат мекунанд. Дар ин робита М. Набиева таъкид менамояд, ки андешаҳои устод М. Шакурӣ оид ба назми муосири тоҷик ва сабку салиқаҳои адабии шоирони номбурда то ба имрӯз арзиши илмии худро кам накардаанд. Чунки аксари навиштаҳои олим дар ин самт одилонаю дилсӯзона буда, бо ҷанбаи қавии илмӣ, усулии худ дар адабиётшиносии муосири тоҷик мавқеи устувор доранд.

Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти адабиётшиносии устод М. Шакурӣ айнипажӯҳӣ мебошад. Дар таълифоти эшон аҳволу осори устод С. Айнӣ, фаъолиятҳои равшангарию маорифпарварии ӯ ба таври комил мавриди баррасӣ қарор мегирад. Масоили мазкур дар боби сеюми диссертатсияи М. Набиева мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ду фасли асосӣ ва зерфаслҳои фасли дуюми ин боби диссертатсия масъаларо ба таври мушаххас баррасӣ намуда, М. Набиева таъкид менамояд: М. Шакурӣ ба муҳимтарин паҳлуҳои эҷодиёти устод С. Айнӣ чашмандози илмӣ намуда, асарҳои зиёде доир доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёту осори Айнӣ таълиф намудааст. Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти Айнӣ, шахсият ва мақоми устод Айнӣ дар таъриху тамаддуни мардуми тоҷик, ҳимоя, шинохт ва исботи таърихи бою ғанӣ доштани халқи тоҷик, хизматҳои арзандаи ӯ баҳри пойдории забону маънавият ва бузургдошти арзишҳои миллии тоҷикон, аз ҷумла ҷанбаи инсонӣ, байналмиллалӣ ва миллии насри вай, моҳияти қаробати шарқию ғарбӣ дар осори ӯ муҳтавои асосии шинохти нависанда дар осори муҳаққиқ, аз ҷумла дар китобҳои «Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърихи тоҷикон» ва «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист» ба таҳқиқ омадаанд. Илова бар ин, дар зерфаслҳои ҷудогонаи фасли дуюми боби мазкури диссертатсия афкору андешаҳои илмии устод М. Шакурӣ дар мавриди «Ёддоштҳо», «Ғуломон», «Дохунда», «Одина» ва асарҳои дигари С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ин замина таъкид мешавад, ки омӯхтани паҳлуҳои адабиёти давраи нави тоҷик, ба вуҷуд омадани равияҳои нави адабиётшиносӣ дар сатҳи талаботи имрӯза аз бисёр ҷиҳат бо ном ва шахсияти устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ вобастагӣ дорад. Имрӯз бисёре аз муҳаққиқони адабиёт аз тариқу шеваҳои адабпажӯҳии устод М. Шакурӣ босамар истифода менамоянд,

ки ин далели дигари идомаи бобарори мактаби илмии устод М. Шакурӣ мебошад.

Натиҷагириҳо ва бардоштҳои илмии муаллифи диссертатсия дар хулосаи он дар ҳашт банди мушаххас баён шудааст, ки ҳар яки онҳо қобили таваҷҷуҳ аст. Ба ғайр аз ин, нуктаҳои асосии диссертатсия дар ҳафт мақолаи муаллиф аз ҷумла, дар панҷ мақолаи дар маҷаллаҳои таъйид намудаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, манзури аҳли таҳқиқ гардидааст.

Бо вуҷуди дастовардҳои мазкур дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки таъкиди онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ бисёре аз таълифоти муҳимми олимону адибони маъруфи ватанию хориҷӣ, ки дар маҷмӯаҳои алоҳида ба нашр расидаанд аз назари муҳаққиқ дур мондааст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия, дар фасли якуми боби якум, ки «Зиндагиномаи М.Ш. Бухороӣ» унвон дорад, тарҷумаи ҳоли устод М. Шакурӣ танҳо нақл мешаваду халос.

3. Дар диссертатсия моҳияти таҷдиди назари муаллиф аз такмилу веросторӣ ва ихтисорот дар нашри нави «Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ».

4. Дар мавриди айнишиносии устод М. Шакурӣ андешарониҳои муаллифи диссертатсия бенизом ҷараён мегирад. Вай агар аз нахустин мақолаҳои М. Шакурӣ ва, махсусан се китоби дар давраҳои гуногун ба нашр расонидаи олимро («Садриддин Айнӣ», «Садриддин Айнӣ – равшангари таърихи тоҷикон», «Равшангари бузург») аз нигоҳи тағйир ва такомули назари таҳқиқии муҳаққиқ баррасӣ менамуд, саҳму нақши устод М. Шакурӣ дар айнишиносӣ дуруст муайян мешуд.

5. Аз назари муҳаққиқ дур мондани нашри русии китоби «Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ», ки бо номи «Обновления» дар нашриёти «Наука»-и Москав ба нашр расида буд, ин бахши пажӯҳиши диссертантро низ ноқис месозад.

6. Устод М. Шакурӣ аз ҷумлаи донишмандоне буданд, ки аз як нашр то нашри дигар таълифоташонро таҳриру такмил менамуданд ва ин таҳрирҳои эшон ҷанбаҳои қавии илмӣ ва консептуалӣ дошт. Мутаассифона, ин шеваи кори илмӣ ва пажӯҳиши устод М. Шакурӣ дар диссертатсия сарфи назар шудааст.

7. Дар матни диссертатсия, қариб дар ҳама ҷо овардани исми устод дар шакли М.Ш. Бухороӣ қобили қабул нест. Эшон дар байни аҳли илму адаби кишвар бо номи Муҳаммадҷон Шакурӣ маъруф буданд ва дар матни диссертатсия ҳам ҳамин тавр оварда мешуд беҳтар мебуд. Илова бар ин, ҳам дар матни диссертатсия ва ҳам фишурдаи он иштибоҳоти

услубӣ, имлоӣ ва навишторӣ ба назар мерасад, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Камбудиҳои мазкур ислоҳшаванда буда, онҳо арзиши диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи М. Набиева таҳқиқоти комилу анҷомёфта буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Муқарризи расмӣ,** доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти факултети филологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ: Салихов Ш.А.

***Маълумот барои иртибот:***
Салихов Шамсиддин Аслиддинович,
доктори илмҳои филологӣ, профессор
**Ҷойи кор:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
**Вазифа:** Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология
**Нишонии ташкилот:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 121
**Нишонии саҳифаи махсус**: tgpu2004@mail.ru
**Телефон:** 987-65-00-43
**E-mail:** soleh59@mail.ru

Имзои Ш.А. Салиховро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба
номи Садриддин Айнӣ: Назаров Д.

02.03.2021